# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
## назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.06.2025, № 14

Дар бораи сазовор донистани Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзуи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 4 -уми апрели соли 2025 (Протоколи № 7) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 1 октябри соли 2024, №364 ш/д).

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич 6 августи соли 1990 таваллуд шудааст. Ӯ соли 2013 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси сиёсатшиносӣ бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз соли 2013 то моҳи майи соли 2024 ба ҳайси ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият кардааст. Аз 1 – уми октябри соли 2024 то ба имрӯз дар вазифаи ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад. Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич зинаи аспирантиро солҳои 2016-2019 дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Усмонзода Хайриддин Усмон –** доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Комилбек Амид Ёрбек** – доктори илмҳои сиёсӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ;

2. **Нуриддин Парвин Раймалихон** - номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Маҷидов Д.Ҳ. эксперт (омодасози лоиҳаи тақриз) номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Бабаев К. ва котиби маҷлис, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Азизмуродов М. Р. имзо гардидааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», таҳқиқоти мукаммал, дорои сохтори ягона, кори мустақилона анҷомёфта ва дорои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Ҷобиров И. Ф. аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба талаботи бандҳои 32 - 33- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ аст.

Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич оид ба мавзуи диссертатсия 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар конференсияи зиёди ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Ҷобиров, И.Ф. Ҷанбаъҳои назариявии накши коммуникатсияи сиёсӣ дар идоракунии сиёсии ҷомеа [Матн] / **Ф.И.** Ҷобиров // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови АМИТ. –№ 1. 2019. – С. 121-125. ISSN 0235-005х;

[2-М]. Ҷобиров, И.Ф. Ҭамоюли тағйирёбии накши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир [Матн] / **Ф.И.** Ҷобиров // Журнали илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир” – 2019 –№ 1/ (64). – С. 81-90. ISSN 2075-9584;

[3-М]. Ҷобиров, И.Ф. Тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва арзишҳои он дар заминаи иттилоотишавии ҷомеа [Матн] / Ф.И. Ҷобиров // Паёми ДМТ. – 2018. –№ 11. – С. 234-239. ISSN 2413-5151;

[4-М]. Усмонзода Х.У., Ҷобиров И.Ф. Таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва аҳамияти он дар идоракунии сиёсӣ [Матн] / У.Х. Усмонзода, Ф.И. Ҷобиров // Паёми ДМТ. – 2021. –№ 7. – С. 291-295. ISSN 2413-5151.

**II.Маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ**

[1-М]. Ҷобиров, И.Ф. Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар раванди идоракунии ҷомеа [Матн] / Ф.И. Ҷобиров // Маҷмуи фишурдаи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон ва устодони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ. 27-28 апрели соли 2018. – С. 220-221.

[2-М]. Ҷобиров, И.Ф. Тоҷикистон ва равандҳои ҷаҳонишавӣ дар Осиёи Марказӣ [Матн] / Ф.И. Ҷобиров // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба соли ҷавонон ва 20-умин солгарди ваҳдати миллӣ. 21-22 апрели соли 2017. – С. 533-536.

[3-М]. Ҷобиров, И.Ф. Истиқлолияти сиёсӣ кафили сулҳу суботи кишвар [Матн] / Ф.И. Ҷобиров // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-23 апрели соли 2016. – С. 270-272.

[4-М]. Ҷобиров, И.Ф. Заминаҳои мусоидаткунандаи рушди терроризм дар ҷомеа [Матн] / Ф.И. Ҷобиров // Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ-назариявӣ). – 2017 № 1 (9). – С. 190-195. ISSN 2408-929x

[5-М]. Ҷобиров, И.Ф. Таҳдидҳои навини ҷаҳонӣ ҳамчун ҳолати муқовиматомези инкишоф [Матн] / Ф.И. Ҷобиров // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-назариявӣ). – 2014. – С. 201-206.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Ҳукмишоев З. Д.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва чунин эродҳо дорад:

1. Дар автореферати диссертатсия таҳлили адабиёти бевосита ба мавзуи мазкур бахшидашуда камтар таҳлил шудаанд, ки беҳтар мебуд онҳо зиёдтар мавриди таҳили илмӣ воқеъ мешуданд.
2. Дар матни автореферат ва диссертатсия баъзан хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки бо каме таваҷҷуҳи бештар қобили ислоҳ мебошанд.

**Амонзода С.Б.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад:

1. Хуб мешуд агар назари донишмандони ватанӣ бештар таҳлил мегардид.

**Миралиев Ҷ. А.** - Номзади илмҳои сиёсӣ, муовини декан оид ба илми факултети Сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад:

1. Хуб мешуд дар баробари ҷанбаҳои мусбии истифодаи воситаҳои коммуникатсионӣ ҷанбаҳои манфии он низ зиёдтар баррасӣ мегардид

**Саидзода Ш. Ш.** – Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад:

1. Хуб мешуд агар дар қисмати аввали автореферат назари муҳаққиқон вобаста ба нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа ба таври васеътар оварда мешуд

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи ҷомеаи иттилоотӣ, нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ, хусусияти таъмири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури сиёсӣ ва аҳамияти амалии он дар ҷомеа, моҳият ва хусусияти ҳукумати электронӣ ва таъсири коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон) ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд.

Муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар самти омӯзиши масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсии ҷомеа, равандиҳои сиёсии ҷомеа ва татбиқи сиёсати

давлатӣ дар шароити имрӯза, саҳми назаррас дорад. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, инчунин, ба масъалаҳои рушди бо суръати воситаҳои коммуникатсионӣ ва нақши онҳо дар идоракунии сиёсии ҷомеа аҳаммияти хоса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– дар асоси таҳлил ва хулосабарориҳои аниқи илмӣ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсии ҷомеа мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда аз онҳо натиҷагири карда шудааст. Ҳангоми омӯзиш аз назари муҳақиқони давраҳои гуногун, луғатҳои соҳавӣ ва ғайра истифода карда шудааст;

– асосҳои назариявии коммуникатсияи сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таъсири онҳо ба идоракунии сиёсии ҷомеа муайян гардидааст. Вобаста ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии коммуникатсияи сиёсӣ хулосаҳои нав пешниҳод крда шудааст;

– коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун падидаи таъсиррасон дар идоракунии сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳолати таъсиррасонии коммуникатсияи сиёсӣ ба тамоюлҳои инкишофи ҷомеа нишон дода шудааст;

– хусусияти таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури сиёсӣ ва аҳамияти он дар идоракунии сиёсии ҷомеа мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар рафти таҳлил ҳолати истифодаи технологияҳои манипулятсияи сиёсӣ дар дар кишварҳои гуогуни олам мавриди муқоиса қарор гирифтааст. Истифодаи технологияи манипулятсияи сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон ва таъсири он дар идоракунии сиёсии давлат ошкор карда шудааст;

– мафҳум ва моҳияти ҳукумати электронӣ аз ҷиҳати назариявӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таъсири ҳукумати электронӣ ба идоракунии сиёсии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ муайян карда шуда, хулосаҳо пешниҳод гардидаанд;

– истифодаи самараноки технологияҳои нави иттилоотӣ бо мақсади баланд бардоштани шуури сиёсии шаҳрвандон, махсусан фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар давраи муосири инкишоф нишон дода шудааст. Таъсири иродаи сиёси барои истифодаи мақсадноки технологияи иттилоотӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро** мақсади таҳқиқот муайян менамояд ва иҷрои онро ҳалли чунин вазифаҳо дар бар мегирад:

– таҳлили назариявӣ ва методологии падидаи коммуникатсияи сиёсӣ аз нуқтаи назари идоракунии сиёсии ҷомеа ва муносибатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– таҳлили тамоюли тағйирёбӣ ва нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир, мушаххаснамоии асосҳои коммуникативии идоракунии сиёсӣ ва таъсири институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар ташаккули сиёсати коммуникатсионии давлат;

– муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи манипулятсияи сиёсӣ, усулҳо ва шаклҳои амалишавии он дар раванди коммуникатсияи сиёсӣ;

– таҳқиқи хусусиятҳои ҳамбастагӣ миёни ҷомеа, воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва идоракунии сиёсӣ, арзёбии таъсири унсурҳои мазкур ба афкор ва шуури ҷамъиятӣ;

– бо дарназардошти шаклгирии ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ дар Тоҷикистон анҷом додани таҳлили системавии равандҳои сиёсии дохили кишвар ва дурнамои онҷо;

– мушаххас намудани таҷрибаи амалии истифодаи технологияи интернет–коммуникатсия дар ташаккулёбии шакли нави ҳамкориҳои байни субъектони ҳаёти сиёсӣ.

**Аҳамияти амалии мавзуи таҳқиқот** дар фарогир будани масоили дар он матраҳшуда ва алоқамандии он ба тамоми фанҳои марбут ба соҳаи ҷомеашиносӣ мебошад. Натиҷа ва хулосаҳои дар рисола бадастомадаро метавон дар самти таҳия ва татбиқи санадҳо ва барномаҳои марбут ба самти коммуникатсия истифода намуд.

Ҳамзамон, таҳқиқоти анҷомдодашуда метавонад дар инкишофи яке аз бахшҳои муҳимми илми сиёсатшиносии ватанӣ – “Коммуникативистикаи сиёсӣ” хидмат намояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки бо истифода аз адабиёти илмии соҳавӣ, таҳқиқоти заминавии сиёсӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа таҳлил карда шудааст. Дар раванди таҳқиқот, диссертант ба асарҳои сиёсатмадорону муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ ва кишварҳои гуногун ҳамчун заминаи илмӣ барои омӯзиши нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар доираи таҳлили мантиқӣ ва хулосабарориҳои худ, илман ва ба таври назариявӣ роҳҳои ҳалли масъалаи мазкурро муайян намуда, пешниҳодҳо кардааст.

Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа яке аз мавзуҳои муҳим дар илмҳои сиёсӣ буда, дар ҳама давраҳо дар маркази таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа, махсусан олимону коршиносон,

сиёсатмадорон ва ходимони давлатӣ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо истифода аз натиҷаи коркардҳои назариявии муҳаққиқони ватаню хориҷӣ ҷамъбасти назариявӣ, хулосаҳои дақиқ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар пешбурди фаъолияти касбии мутахассисони соҳаи сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муфид мебошанд. Хулосаҳои диссертатсия дар омодасозии мутахассисони соҳаи сиёсатшиносӣ ва махсусан кадрҳои соҳаи идоракунии давлатӣ мусоидат хоҳанд кард.

Заминаҳои асосии таҳқиқотро методҳои таърихӣ, системанокӣ ва муқоисавӣ ташкил менамоянд. Инчунин, дар таҳқиқот аз методҳои таҳлилию усулҳои консептуалӣ, муқоисавӣ, таърихият, мантиқӣ, иҷтимоию сиёсӣ, мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин, хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи барнома ва стратегияҳои идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор дод.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки натиҷагирӣ,** хулосаҳо ва пешниҳодот дар таҳқиқот дар асоси сарчашмаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо дар таҳқиқот ин мухолифат надоштани онҳо бо назарияи сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаҳои илмҳои сиёсӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, дар рафти таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои гуногуни иттилоотии расмӣ, маълумоти оморӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ба даст омада, натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар** таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ - таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва шарҳи маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз таърихи 21 июни соли 2025 дар бораи сазовор донистани Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар.

Аз 14 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси Шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 14, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор –-нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _______________/ Қувватзода С. З.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /_______________/ Сангинов Н.Н.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

21.06.2025